# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик)**

То ба ҳоло дар адабиёти пурғановати форсии тоҷикӣ адибони барҷастае ҳастанд, ки осору афкори адабии онҳо пажӯҳиши амиқи илмиро тақозо мекунад. Аз ҷумла ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ – яке аз шоирони форсизабони садаи XVI-XVII дар Ҳиндустон, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро тақозо менамояд, ки албатта, таҳқиқу омӯзиши поэтикаи ғазалиёти шоири нуктасанҷ барои илми адабиётшиносӣ муҳим буда, бидуни омӯзиши ин мавзуъ шинохти рушди ғазал дар садаҳои XVI-XVII номукаммал хоҳад буд.

Бинобар ин, Шарипов Шариф Раҳмонович бо навиштани диссертатсияи худ барои донишомӯзону муҳаққиқон дар риштаи адабиётшиносӣ имкон фароҳам меорад, ки ба ҷанбаҳои мухталифи поэтикаи ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ошно шаванд.

Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқотии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба ҷанбаҳои мавзӯӣ-поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар адабиётшиносии тоҷик пажуҳиши ҷудогонаи илмӣ дар шакли диссертатсия анҷом наёфта аст. Тавре ки аз сарчашмаҳо маълум аст ва худи диссертант ҳам таъкид мекунад, то ба имрӯз ба ҷуз мақолоти алоҳидаи муҳаққиқони эронӣ дар адабиётшиносии Эрон низ пажуҳиши комилтаре роҷеъ ба ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ рӯйи кор наомадааст.

Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи доктории довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «шеъри Зуҳурии Туршезӣ, бавежа, ғазалиёти ӯ то ба ҷое пурмазмун эҷод шуда, маънӣ ва тасвирҳои тозаро фарогиранд, ки «Соқинома»-и ӯ Абдулқодири Бедилро мутаассир кардааст» (автореферат, с. 3).

Агарчи то ба имрӯз дар Эрон Забеҳуллоҳи Сафо, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Шафеии Кадканӣ, Асғари Бобосолор, Эҳтироми Ризоӣ, Алинақии Мунзавӣ, Аҳмади Мунзавӣ, Тавфиқи Субҳонӣ, Ҷалили Таҷлил, Саида Парниёни Дарёборӣ, Зайнаби Наврӯзалӣ, Аҳмад Хаёлии Хатибӣ, Алиасғари Ҳалабӣ ва дигарон дар бораи аҳволу осори Зуҳурии Туршезӣ мақолоти арзишманд навиштаанд ва ё зимни мавзуоти гуногун назари интиқодӣ доштаанд, таваҷҷуҳи Шарипов Шариф Раҳмоновичро омӯзишу таҳқиқи

мавзуи муҳимму зарурӣ – мавзуъ, муҳтаво, сохтор, воситаҳои тасвир ва баёни бадеӣ, сабкшиносӣ ва таъсирпазирую таъсиргузории ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ тахти мушовирии доктори илмҳои филологӣ, Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навоварии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷик ҷанбаҳои мавзӯӣ-поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз дар Тоҷикистон масъалаи мазкур мавриди пажуҳиши илмӣ қарор надошт.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, бавижа аз равишҳои назариявии муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-оморӣ, суратгароӣ (Б. Шкловский, Б. Эйхенбаум), таърихӣ-муқоисавӣ, поэтикаи таърихӣ (Н.А. Веселовский), сохториву бадеӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

**Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводди диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводди назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 31 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович аз муқаддима, 5 боб, 22 фасл, 13 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи ҷанбаҳои мавзӯӣ-поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

**Хулосаи диссертатсияи** Шарипов Шариф Раҳмонович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 30 банд фароҳам омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар номи диссертатсия “Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ” омадааст, ки ба фикри мо, ба ҷойи “навъи шеърӣ” корбурди “жанри шеърӣ” дурусттар аст (автореферат, с. 1).
2. Бар ивази “Тасвири шоиронаи инсон дар ғазалиёти шоир” беҳтар мешуд, номи фаслро “Тасвири шоиронаи инсони комил дар ғазалиёти шоир” гӯем (автореферат, с. 36).
3. Фасли “Таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ” такмил мехоҳад (автореферат, с. 50-51).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Шарипов Шариф Раҳмонович ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи доктории **Шарипов Ш.Р.** дар мавзуи **«Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)”** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Салими Хатлонӣ

Имзои С. Хатлониро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода
28 марти соли 2024 Юсупова Б. Ғ.

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: (+992) 372325000; факс: 2325003
Сомона: www. dbz.tj; E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru